**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
академик Пиризода Ҷ.С.
_______________________
«08» ___10___ 2025с.

**ХУЛОСАИ**

ҷаласаи васеъи шуъбаҳои омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣ, омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатӣ ва шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи "Фаъолияти идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) дар шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни иҷрои диссертатсия Азиззода Маҳваш Абдулҳаким унвонҷӯи шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Тоҷикистон буда, таҳқиқотҳои илмиро оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмӣ соли 2018 оғоз намудааст.

Азиззода Маҳваш Абдулҳаким соли таваллудаш 02.02.1995, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2013 ба Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба факултети фарҳангшносӣ дохил шуда, онро соли 2018 бо ихтисоси менеҷери фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ хатм намуд.

Соли 2021 ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба факултети таҳсилоти фосилавӣ ва таҳсилоти дуюми олии касбӣ дохил шуда, онро соли 2024 бо ихтисоси менеҷер - иқтисодчӣ хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатиро аз соли 2018 огоз намуда, солҳои 2018-2022 дар Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии махсус барои кудакони имконияташон маҳдуди шаҳри Душанбе ба ҳайси мудири китобхона ва аз моҳи сентябри соли 2022 то ҳол дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ фаъолият карда истодааст.

Азиззода Маҳваш Абдулҳаким тибқи фармоиши №46-К аз 20.11.2018 ба сифати унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ қабул гардидааст.

Азиззода М.А. рисолаи илмии худро ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи «Фаъолияти идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг)» тахти роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Одиназода Ш.Т. (протоколи №11 -и Шурои олимон аз 28.11.2018) тасдиқ гардида, иҷро намудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърихи фалсафаи илм дар таърихи 07.04.2021 бо баҳои 5 (аъло), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар санаи 09.04.2021 бо баҳои 5 (аъло) ва аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) бо баҳои 5 (аъло) дар таърихи 17.01.2025 дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон супоридааст ва соҳиби Шаҳодатнома тахти №30/25 гардидааст.

**Роҳбари илмии унвончу** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Одиназода Ш.Т.

Дар рафти маҷлис мутахассисони зерин аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ки дар наздаш шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, иштирок намуданд:

1. Ҷумаев Б.М. – мудири кафедраи «Иқтисоди ҷаҳон» - и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
2. Исмоилов А.А. – мудири кафедраи «Фаъолияти бонкӣ» - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
3. Изатов Қ.И. – муалими калони кафедраи «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи “Фаъолияти идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии

Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илмӣ иқтисодӣ сахм хоҳад гузошт.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Гузариши иқтисодиёти кишвар ба муносибатҳои бозорӣ таъсири ногузири худро ба соҳаи кишоварзии мамлакат расонда, дар соҳа ташаккули механизми нави иқтисодии идоракунии мутобиқро ба бозор тақозо менамояд. Ҷузъи асосии механизми мазкур маркетинг ташкил намуда, дар он нақши асосии фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯш дар корхонаҳои КАС, новобаста аз шакли моликият, аз тарафи истеъмолкунанда муайян карда мешавад. Истифодаи чунин механизм барои кишварҳои дорои муносибатҳои бозаргонӣ хос аст. Иқтисодиёти бозорӣ дар кишвар заминаи иҷтимоию иқтисодиро барои ташаккул ва рушди фаъолияти маркетингӣ дар тамоми самтҳои иқтисоди хоҷагии халқ ва хусусан дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меорад.

Таҳқиқот нишон дод, ки мураккабии мушкилоти баромадан аз бӯҳрон дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо аз набудани малакаи идоракунии хоҷагидорӣ дар шароити муосир, балки аз заифии дастгирии консептуалии ислоҳоти аграрӣ низ муайян карда шуд. Бояд қайд кард, ки то ба имрӯз ягон консепсияи мукаммали ташаккул ва рушди низоми агромаркетингӣ, коркардҳои методологӣ оиди банақшагирии оқилонаи фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои КАС, усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии стратегияҳои амалишавандаи маркетинг ва ғайра вуҷуд надорад. Ин ҳолатҳо ба хатогиҳои ҷиддӣ дар стратегияҳои сиёсати аграрии давлат ва минтақаҳо ба шиддат ёфтани зиддиятҳои иҷтимоӣ оварда расониданд.

Моҳияти пиёдагрдонии ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули низоми маркетинг дар шароити муосир афзуда истодааст, амалӣ намудани барномаҳои зиддибӯҳронӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ба таври анъанавӣ мушкил аст, зеро арзёбии дурусти таъсири дигаргуниҳои сохторӣ дар комплекси агросаноатӣ ба фаъолияти маркетингии корхонаҳо вуҷуд надорад. Манфиатҳои таъминкунандагон, миёнаравон, молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва истеъмолкунандагони маҳсулот то ҳол мутавозин нестанд. Бинобар он,

баррасии масъалаҳои болозикр мубрамияти таҳқиқоти диссертатсияи мазкурро ташкил менамоянд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо барномаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, тахти №392 тасдиқ гардидааст, инчунин бо "Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06 соли 2020, №386 тасдиқ шудааст, "Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020 ба тасвиб расидааст, алоқамандӣ дорад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии лоиҳаи «Муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии комплекси агросаноатии (КАС) Тоҷикистон» РКД 0121TJ1094 Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро гардида, ба мавзӯъҳои илмии шуъбаи мазкур оид ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ робитаи бевосита дорад.

**Мақсади таҳқиқот** аз омӯзиш ва пешниҳоди тавсияҳои назариявию методӣ ва амалии илман асоснокшуда, ҷиҳати идоракунии фаъолияти маркетинг ва таҳқиқи мушкилоти асосии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади беҳтарсозии вазъи рушди фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда, ҳалли вазифаҳои зерин муқаррар гардидааст:

- омӯзиш ва таҳлили асосҳои назариявии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ ва муайян намудани нақш ва аҳамияти иҷтимоӣ – иқтисодии он дар шароити бозор;
- муайян кардани мушкилоти рушди маркетинг, омӯхтани принсипҳо, усулҳо ва равандҳои идоракунии маркетинг дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин таҳқиқи механизми ташакули он дар муҳити иқтисодӣ;
- арзёбии ҳолат ва динамикаи бозори озуқаворӣ аз нуқтаи назари маркетинг ва муайян кардани омилҳои таъсиррасон дар рушди кишоварзӣ;
- таҳқиқи систематикӣ ва таҳлили асосҳои барномавӣ барои баланд

бардоштани рақобатпазирии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва омӯхтани афзалиятҳои истеъмолӣ бо мақсади таҳкими фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи истеҳсол;

- таҳияи чорабиниҳо оид ба стратегияҳои маркетингӣ дар беҳтарсозии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ва рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- асоснок кардани самтҳои асосии такмилдиҳии технологияи идоракунии маркетинг бо истифода аз усулҳои навини рақамӣ ва таҳлили иттилоотӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

**Объекти таҳқиқот** низоми идоракунии фаъолияти маркетингии корхонаҳои соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқот** Раванди идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёт мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Рушди маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи усулҳои самаранок ва навини маркетингӣ метавонад ба беҳбудии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ва беҳсозии вазъи бозори озуқаворӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, таъсири фаъолиятҳои маркетингӣ ба ҳади аксар ва рушди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ метавонад омили муҳим дар такмил додани сифати маҳсулот ва арзишҳои фурӯши онҳо бошад.

Ҳангоми таҳлил кардани мушкилоти маркетинг дар истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, фарз мешавад, ки бо истифодаи стратегияи дуруст ва технологияи муосир, таъсири манфии ислоҳот ва норасоиҳои маркетингӣ коҳиш ёфта, сатҳи талабот ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар бозор беҳбудӣ меёбад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** Дар асоси назарияҳои стратегияи рақобатпазирӣ, таҳқиқот бояд ба муайян кардани роҳҳои беҳтар кардани рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар бозори озуқаворӣ рақобат мекунанд, равона шавад. Истифодаи стратегияҳои маркетигӣ дар баланд бардоштани сифати маҳсулот ва афзоиши фурӯш дар бозор мавқеи муҳим дорад. Таҳқиқот бояд таъсири амалҳои маркетингии дурустро бар рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ таҳлил кунад.

Назарияҳои иқтисоди бозор ва идоракунии манбаҳои истеҳссолӣ низ таҳқиқот ба назар гирифта мешаванд. Муҳим аст, ки таҳлилҳо равандҳои иқтисодӣ ва бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар шароити ислоҳот ва тағйироти бозор, муфассал баррасӣ шаванд. Пешниҳод кардани усулҳои

самараноки идоракунии маркетинг дар шароити мавҷуд ва истифодаи технологияҳои нав барои боло бурдани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор яке аз заминаҳои асосии таҳқиқот мебошад.

**Сарчашмаи таҳқиқот.** Ҳангоми иҷрои рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ маълумотҳои расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи соҳаи кишоварзӣ новобаста аз шакли моликияташон, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои аҳолӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, кооператсияҳои истеҳсолию тиҷоратӣ, мушоҳидаҳои муаллиф, адабиётҳои махсуси илмӣ, меъёрӣ ва таҳлилӣ бахшида ба ҳалли масъалаҳои коркардшуда истифода карда шудаанд. Инчунин маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар назди Институти иқтисод ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқотии диссертатсионӣ.** Дар тавзеҳ додани асосҳои назариявӣ ва мукаммалгардонии равандҳои идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди пешниҳодҳою тавсияҳои амалию методӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи рушди рақамисозии маркетинг ва механизмҳои амалигардонии он дар субъектҳои иқтисоди аграрӣ мебошанд.

Унсурҳои асосии онро унвонҷӯй чунин пешниҳод намудааст:

- ҷанбаҳои назариявии маркетинг, тавсияҳои илмӣ оид ба муайян намудани нақш ва аҳамияти иҷтимоӣ- иқтисодии он, пайванди зич байни рафтори истеъмолкунандагон ва сатҳи рушду рақамисозии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ тахия гардида, омилҳое, ки ба таҳаввулоти рафтори истеъмолкунандагон дар шароити нави иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ошкор ёфтанд;
- таҳлили мушкилоти асосии дар рушди маркетинг ҳамзамон арзёбии комплекси систематикӣ оид ба принсипҳо усулҳо ва равандҳои идоракунии маркетинг ва омӯзиши механизмҳои мураккаби ташаккули он дар муҳити иқтисодии муосир бо мақсади таҳкими рақобатпазирӣ ва самаранокии соҳаи кишоварзӣ муайян карда шудаанд;

- арзёбии омилҳои стратегии таъсиррасон ба равандҳои рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозор муайян гардида, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комплекси озуқаворӣ ва рушди устувори соҳа мусоидат мекунад;
- асосҳои системаи барномавӣ дар фаъолияти маркетинги корхонаҳои кишоварзӣ асоснок гардида, аз он ҷумла равишҳои муосир ва инноватсионӣ барои таҳкими рақобатпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозор муайян гардиданд. Усули муҳими стратегӣ, ки таҳкими робитаҳо бо истеъмолкунадагон ба беҳтарсозии маҳсулотро таъмин мекунад, нақши калидӣ дар рушди маркетинг ва устувории иқтисоди корхонаҳоро дорад, асос ёфтааст. Инчунин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва моделҳои таҳлили маркетинг дар таҳияи стратегияҳои барномасозӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ дар муҳити рақобатпазир ва тағйирёбандаи бозор қадамҳои муассир ва саривақтиро амалӣ созанд, пешниҳод гардиданд;
- таҳияи чорабиниҳои стратегияҳои маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва иқлимӣ асоснок гардонида шуда, механизмҳои амалигардонии воситаҳои муосири маркетингиро таҳлил намуда, тавсияҳои мушаххас оиди рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва васеъ намудани имкониятҳои содиродии он пешниҳод гардиданд;
- самтҳои асосии роҳҳои такмил додани идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ асоснок гардонида шуда, усулҳои нави идоракунии маркетинг пешниҳод шуда, беҳсозии раванди қабули идора, дурнамои тақозо ва танзими мутавозинии пешниҳод дар бозори маҳсулоти кишоварзиро мусоидат мекунад.

**Нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшудаи таҳқиқот:**

- таҳлили амиқи заминаҳои консептуалӣ, ташаккул ва рушди маркетинги кишоварзӣ дар шароити муосири бозор бо дарназардошти тағйирёбии муносибатҳои хоҷагидорӣ, тақозоҳои иқтисодии рақобатнок ва ошкор намудани омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангие, ки ба афзалиятҳои истеъмолӣ таъсир мерасонанд;

- пешниҳоди таҳлили муфассал оид ба мушкилоти асосии маркетинг дар истеҳсолоти кишоварзӣ, ки бо хавфи баланди фаъолияти истеҳсолӣ, ноустувории пешниҳоди маҳсулот, хусусияти мавсимии истеҳсол ва нобаробарии сохтори бозор байни истеҳсолкунандагон ва харидорон тавсиф меёбад;

- арзёбӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи бозори минтақавӣ, муайянсозии сохтор ва динамикаи талабот, хусусиятҳои харидории аҳолӣ

ва омилҳои иҷтимоии таъсиргузор ба афзалиятҳои истеъмолӣ, ҳамчун заминаи иттилоотӣ ва истеҳсолӣ барои рушди самараноки фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ;

- асосноксозии принсипҳои ташкили системаи барномавии маркетинг дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва равишҳои муосири инноватсионӣ ҷиҳати таҳкими рақобатпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи тағйирёбандаи бозор;

- асоснок намудани чорабиниҳои стратегии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти таъсири мутақобалаи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иқлимӣ ва бозоршиносӣ, ки рушди самараноки бозори кишоварзиро таъмин менамояд;

- муайянкунии самтҳои асосии такмилдиҳии технологияи идоракунии маркетинги кишоварзӣ ва истифодаи усулҳои муосири рақамӣ ва таҳлили иттилоотӣ, ҳамчун воситаҳои калидӣ пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин муҳаққиқони мамолики дигар дар самти ташаккули низоми маркетинг дар соҳаи аграрӣ, таҳқиқи ҳолати рушди маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш, татбиқи усулҳои самараноки идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақаро ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки истифодаи баъзе муқаррароти дар диссертатсия таҳияшуда ва натиҷаҳои бадастомада заминаи назариявӣ, методологӣ ва амалиро барои ташаккули ташкилӣ, иқтисодӣ, системаҳои маркетинг дар соҳаи кишоварзии минтақавӣ ва танзими онҳо ба вуҷуд меоранд. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, методикаҳо, арзёбиҳо ва пешгӯиҳо барои таҳияи барномаи комплексииояндадори рушди комплекси агросаноатии минтақавӣ барои давраи соли 2025 истифода бурда шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** таҷрибаҳо, маълумотҳои пешниҳодшуда, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқотӣ, усулҳои муносиби коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва нашрияҳо исбот мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навигарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ихтисоси: 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг, нархгузорӣ (маркетинг) банди 3. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти маркетингӣ. Методҳои коркарди

проблемаҳои идоракунии маркетинг. Технологияҳои муосири гузаронидани таҳқиқоти маркетингии бозорҳои молу хизматрасониҳо; 5. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ташкили маркетинг ва истифодаи он дар ширкатҳои саноатию тиҷоратии ватанӣ; 7. Низомҳои муосири маркетингӣ. Ташаккул ва рушди низомҳои ҳамгирои иттилоотии маркетингӣ. Сарчашмаҳои иттилооти маркетингӣ; 12. Раванди коркарди нақшаи ҷорӣ ва стратегии маркетинг. Мониторинг ва бенчмаркинг. Механизми коркарди барномаҳои маркетингӣ, методҳои қабул ва амалигардонии онҳо; 15. Арзёбии рақибон ва истеъмолгарон, истифодаи он дар раванди такомули фаъолияти маркетингии ташкилот; 18. Асосҳои маркетингии баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо, ташкилот, стратегия ва тактикаи пешбурди мубоpизаи рақобатӣ, мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар тамоми давраҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ: интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, муайян намудани ҳадафи таҳқиқ, масъалагузорӣ ва иҷрои вазифаҳо бевосита муаллиф саҳм гузоштааст. Саҳми муаллиф дар васеътар намудани тафсири категорияи иқтисодии маркетинг, ҳамчун категорияи иҷтимоию иқтисодӣ, муайян намудани хусусиятҳои рушди системаи маркетинг дар соҳи кишоварзӣ дар корхонаҳо ва минтақаҳо, такмили самтҳои асосии механизми ташаккул ва фаъолияти сохтори хизматрасонии маркетинг дар корхонаҳои кишоварзӣ, татбиқи усулҳои самараноки идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақа ифода ёфтааст. Диссертант ҳолати кунунии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бодиққат омӯхта, роҳҳо ва воситаҳои пешниҳоди онҳоро мукаммал гардонида, натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ.** Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Менеҷмент ва маркетинг», «Асосҳои маркетинг» ва «Маркетинги шабакавӣ» истифода шуда истодаанд санад оид ба татбиқи натиҷаҳои илмию амалии диссертатсия ба имзо расидааст, инчунин дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ҳангоми тадриси фанҳои «Маркетинг», «Идоракунии маркетингӣ» «Таҳқиқоти маркетингӣ», «Маркетинги натиҷаҳои илмию амалии диссертатсия №32 аз 16.01.2025 (маълумотномаҳо ба хулоса замима карда мешаванд).

**Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар 19 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми умумии 4,85 ҷ.ч., баён гардидаанд, ки ба пурргӣ ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат менамоянд.

**Интишорот довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**а) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Азиззода М.А. Асосҳои консептуалии рушди агромаркетинг [Матн] /М.А. Азиззода, Ш.Т. Одинаев // Кишоварз, “Гузоришҳо”-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе - 2021, №3, с. 123-130 [0,25 ҷ.ч. муаллиф];

[2-М]. Азиззода М.А. Мушкилоти маркетинги кишоварзӣ дар давраи ислоҳот [Матн] / М.А. Азиззода, Ш.Т. Одинаев // Маҷаллаи илмии Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе – 2022, №4, с. 77-82 [0,18 ҷ.ч. муаллиф];

[3-М]. Азиззода М.А. Вазъи бозори озуқаврии минтақавӣ аз мавқеи агромаркетинг [Матн] / М.А. Азиззода, Ш.Т. Одинаев // Маҷалаи илмию сиёсии “Идоракуни давлатӣ” Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023, №2 (61), с. 49 - 56 [0,25 ҷ.ч. муаллиф];

[4-М]. Азиззода М.А. Тамоилҳо дар истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди агромармектинг [Матн] / М.А. Азиззода // “Идоракуни давлатӣ” Маҷалаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024., №3 (68), с. 207-212 [0,43 ҷ.ч. муаллиф];

[5-М]. Азиззода М.А. Асосҳои назариявии тараққиёти маркетинги кишоварзӣ [Матн] / М.А. Азиззода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе-2025. №2(57), с.34-41 [0,5ҷ.ч. муаллиф];

[6-М]. Азиззода М.А. Мушкилоти маркетинг дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва рафти ислоҳоти он [Матн] / М.А. Азиззода // “Идоракуни давлатӣ” Маҷалаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2025., №3 (74), с. 40 - 45 [0,37 ҷ.ч. муаллиф];

**б) дар дигар нашрияҳо:**

[7-М]. Азиззода М.А. Маркетинг в сельском хозяйстве [Матн] / М.А. Азиззода // Теоретический и научно-практический журнал – АПК

Таджикистана экономика, организация и управления. Душанбе – 2017, №1. с.122-128 [0,43 ҷ.ч. муаллиф];

[8-М]. Азиззода М.А. Регулирование агромаркетинговой деятельности в системе АПК [Матн] / М.А. Азиззода // Теоретический и научно-практический журнал – АПК Таджикистана экономика, организация и управления. Душанбе – 2017, №1, с. 116-122 [0,43 ҷ.ч. муаллиф];

[9-М]. Азиззода М.А. Роль маркетинга в развитии продовольственного рынка [Матн] / М.А. Азиззода // Теоретический и научно-практический журнал – АПК Таджикистана экономика, организация и управления. Душанбе – 2017, №4, с. 42-53 [0,75 ҷ.ч. муаллиф];

[10-М]. Азиззода М.А. Хусусиятҳои маркетинги озуқаворӣ [Матн] / М.А. Азиззода, Ш.И. Давлатова, О.А. Қурбонова, О.Н. Одинаев // Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи "Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе – 2021. "Эр-граф", с. 174-179 [0,09 ҷ.ч. муаллиф];

[11-М]. Азиззода М.А. Истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Азиззода, А.Ҷ. Суфиев, И.Ш. Ҷураев // Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ / Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи "Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе - 2021 "Эр-граф", с. 53-59 [0,14 ҷ.ч. муаллиф];

[12-М]. Азиззода М.А. Эффективное функционирование аграрного производства [Матн] / М.А. Азиззода, Б.М. Бобоев, Х.И. Муминов, Н.Ф. Таваккалов, Б.Ш. Нуров // Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ / Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи "Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе – 2021. "Эр-граф", с. 166-177 [0,15 ҷ.ч. муаллиф];

[13-М]. Азиззода М.А. Аҳамият ва мавқеи сармоягузорӣ дар рушди кишоварзӣ [Матн] / М.А. Азиззода // Маводҳои семинари илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Методология ва методикаи таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ" Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Душанбе - 2021 с. 210-215 [0,37 ҷ.ч.

муаллиф];
[14-М]. Азиззода М.А. Эффективность сельскохозяйственного производства-основа продовольственное обеспечения [Матн] / М.А. Азиззода, А.Ш. Одинаев, Т.Б. Муслиҳиддини // Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ "Конференсия ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Ташкили технологияи нигоҳдорӣ, маркетинг ва логистикаи меваҷот дар шароити Тоҷикистони марказӣ; нигоҳе ба оянда". Душанбе - 2022, с. 125-133 [0,18 ҷ.ч. муаллиф];
[15-М]. Азиззода М.А. Формирование логистических систем агропромышленного комплекса [Матн] / М.А. Азиззода, М.М. Муқадасова, М.Қ. Икромова // Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ /Маводҳои семинари илмӣ-амалии минтақавӣ дар мавзуи "Рушди инфрасохтори истеҳсолӣ-омили пешгирии талафоти маҳсулоти кишоварзӣ". Душанбе – 2022, с. 253-258 [0,12 ҷ.ч. муаллиф];
[16-М]. Азиззода М.А. Эффективность работы мелиоративно-водохозяйственной отрасли в период экономических реформ [Матн] / М.А. Азиззода, А.Ш. Одинаева, Т.Б. Муслиҳиддинов // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Ташкили технологияи нигоҳдорӣ, маркетинг ва логистикаи меваҷот дар шароити Тоҷикистон" Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, с. 125-133 [0,18 ҷ.ч. муаллиф];
[17-М]. Азиззода М.А. Танзими фаъолияти агромаркетингӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ [Матн] / М.А. Азиззода, А.Ш. Одинаева, Т.Б. Муслиҳиддинов // Маводи Конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи "Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои замӣ" Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Душанбе – 2023, с. 169-176 [0,16 ҷ.ч. муаллиф];
[18-М]. Азиззода М.А. Нақши саноат дар рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / М.А. Азиззода, М. Мирзоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди босуботи идораи молияи давлатӣ дар партави иҷрои ҳадафҳои стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бахшида ба солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе 24 апрели соли 2024), с. 148-153 [0,18 ҷ.ч. муаллиф];
[19-М]. Азиззода М.А. Сохтори даромад ва хароҷоти буҷети давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Азиззода, А.Ш. Одинаева, Т.Б. Муслиҳиддинов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди босуботи идораи молияи давлатӣ дар партави иҷрои ҳадафҳои стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бахшида ба солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» (Душанбе 24 апрели соли 2024), с.200-205 [0,12 ҷ.ч. муаллиф];

Бо назардошти тавсияҳои муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки дар муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯ Азиззода М.А. иштирок намудан ва андешаҳои худро ҷиҳати беҳсозии сатҳ ва сифати кор ибрози андеша намуданд, ба номи рисолаи илмӣ тағийрот ворид намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Аз ин рӯ, ба номи мавзуи диссертатсионӣ тағйирот ворид карда шавад, мавзуи "Фаъолияти идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таҳрири нав зери унвони "Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" табдил дода шавад.

Пас аз баромади Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи «Фаъолияти идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», муқарризони холис Мирсаидов А.Б. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ахмедов Д.Ҳ. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Шоазизова М.Д. номзади илмҳои иқтисодӣ, хулосаи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Одиназода Ш.Т., баромадкунандагон номзади илмҳои иқтисодӣ Амиров Н.И. ва номзади илмҳои иқтисодӣ Ятимзода Х.М.,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Бо назардошти тавсияҳои муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ аз Шурои олимони Институт дархост карда шавад, ки ба номи мавзуи диссертатсионии унвонҷӯ Азиззода М.А. тағийроти ном ворид карда шавад, мавзуи «Фаъолияти идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав, зери унвони "Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" табдил дода шавад.
2. Диссертатсияи унвонҷӯи Институт Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг,

нархгузорӣ (маркетинг) ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илм ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

3. Диссертатсияи унвонҷӯи Институт Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг, нархгузорӣ (маркетинг) бо дарназардошти бартараф намудани баъзе камбудиҳои ошкоргардида ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеъи шуъбаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз «08» октябри соли 2025, №9/1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 32 нафар. Бе ҳуқуқи овоздиҳӣ - 7 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор 25- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

Раисикунанда, д.и.и., профессор,
академики АИКТ директори Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ Пиризода Ҷ.С

Котиби ҷаласа, котиби илмии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ Файзов Н.Б.

Имзоҳои Пиризода Ҷ.С. ва Файзов Н.Б.-ро
тдсдиқ мекунам: Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзиии АИКТ Икромова М.Қ